«Тасдиқ менамоям»
Ректори Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»,
номзади илмҳои таърих, дотсент ________________ Набизода М.С.
«____» ________________ соли 2026

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар – кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба диссертатсияи Сайдализода Рустам Абдулло дар мавзӯи “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ - этнографии асрҳои XV-XVI” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 6.1.5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пешниҳод гардидааст.**

Бо қарори Шӯрои дисертатсионии 6D. КОА-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ҳамчун муассисаи пешбари тақриздиҳанда муқарар гардида, диссертатсияи Сайдализода Р.А. барои тақриз ба кафедра ирсол гардид. Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи халқи тоҷик ва кафедраи археология, этнография ва диншиносии факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳ санаи 18-уми сентябри соли 2026, суратҷаласаи № 2 мавриди муҳокима қарор гирифт.

Дар муҳокимаи рисолаи диссертатсионӣ шахсони зерин иштирок намуданд: Икромов Н.А. номзади илмҳои таърих, дотсент, и.в. мудири кафедра, Давлатов М., доктори илмҳои таърих, профессор, Турсунов Б.Р., доктори илмҳои таърих, профессор, номзадҳои илми таърих,

дотсентон, Шарифзода Ш., Исомитдинов Ҷ., Фармонова Д., Маҳмудова Н.С., Ғафурова Г., мудири кафедраи археология, этнография ва диншиносӣ н.и.т., дотсент Абдукаримов Ҷ.А., номзадҳои илми таърих, муаллимони калон, Абдуллоева З., Махкамов С., Муҳаммадизода М., муаллими калон, Дадоҷонова М., муаллимон Усмонов М., Воҳидова Г., Бобоҷонова Д., коргузори кафедра Абдуллоева М. иштирок намуданд.

Муассисаи пешбари тақриздиҳанда дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби н.и.т., дотсент Шарифзода Шавкат ва мудири кафедраи археология, этнография ва диншиносӣ, н.и.т., дотсент Абдукаримов Ҷ.А. омода гардид, қайд карда мешавад, ки рисолаи Сайдализода Р.А. ба мавзуи хеле муҳим, кам таҳқиқшуда дар илми таърихнигории ватанӣ бахшида шудааст.

**Мубрамият, арзиш ва аҳаммияти илмии** диссертатсияи унвонҷӯ Сайдализода Рустам Абдуллоро бо чанд далел метавон асоснок намуд:

**Аввалан,** барои омӯхтани таърих, фарҳанг ва этнографияи халқи тоҷик баробари сарчашмаҳои таърихӣ-ҷуғрофӣ, ҳамчунин қайду ёддоштҳо, сафарномаҳо, осори бадеии адибон манбаи муҳим ба ҳисоб меравад.

**Дуюм,** Зайниддин Маҳмуди Восифӣ яке аз намояндагони маъруфи адабиёти тоҷик буда, мероси адабии ӯ арзиш ва аҳаммияти муҳимми илмӣ, адабӣ, таърихӣ, этнографӣ дорад.

**Сеюм,** зиндагӣ ва фаъолияти Восифӣ дар охирҳои асри XV ва ибтидои асри XVI дар Хуросон ва Мовароуннаҳр гузашта, дар осори ӯ рӯйдодҳои муҳимми таърихӣ, фарҳангӣ ва адабии замони зиндагии ӯ инъикос гардидааст.

**Чорум,** “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Восифӣ намунаи барҷастаи ёддоштнависӣ буда, он натанҳо асари бадеӣ, балки манбаи нодири таърихӣ, адабӣ, этнографӣ ба ҳисоб рафта, дар он ҷанбаҳои муҳимми ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии замони зиндагии муаллифи ин асар тасвир шудааст.

**Панҷум,** таҳлилу таҳқиқи “Бадоеъ-ул-вақоеъ” ҳамчун сарчашмаи таърихӣ ва этнографӣ, муқоисаи маълумоти ин асар бо сарчашмаҳои дигари таърихии асрҳои XV – XVI ва муайян кардани ҳақиқат ва воқеияти далелҳои асари Восифӣ ҳамчун манбаи таърихӣ аз арзиш ва аҳаммият холӣ нест.

**Сатҳи омӯзиши мавзуъи таҳқиқот.** Диссертант таълифоти мавҷударо оид ба мавзуъи таҳқиқоти худ аз рӯи аҳаммият ва арзиши онҳо ба ду гурӯҳ ҷудо карда, онро то андозае онҳоро таҳлил намудааст. Ба гурӯҳи аввал муаллиф асарҳои ховаршиносон ва адабиётшиносони рус - П.Н. Лерх, В.В. Бертелс, А.Ф. Болдирев, И.С. Баргинский, В.В. Бартолд, А.А. Семёнов, А.М. Белиницкий, Е.А. Давидовичро ворид намуда, саҳми онҳоро дар таҳқиқу омӯзиши асари Восифӣ арзёбӣ намудааст.

Ба гурӯҳи дуюм муҳаққиқони ватанӣ - С. Айнӣ, Б. Ғафуров, А. Мирзоев, А. Мухторов, А. Ҷалилов, Р. Ҳодизода, Д. Довудӣ, Н. Ҳотамов, Ю. Ёқубов, Ғ. Ғоибов, В. Асрорӣ, Г. Ҷӯраев ва дигаронро шомил намуда, диссертант зикр менамояд, ки дар осори онҳо ҷанбаҳои гуногуни рӯзгор ва осори адабии З. Восифӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

**Мақсад, вазифа ва ҳадафи таҳқиқот.** Муаллифи диссертатсия Сайдализода Р.А. барои расидан ба мақсад ва ҳадафи таҳқиқоти худ ҳаллу фасли вазифаҳои мушаххасро дар назди худ гузоштааст, ки чанде аз нуктаҳои муҳимми онро метавон номбар намуд:

- таҳлилу таҳқиқи “Бадоеъ-ул-вақоеъ” аз нигоҳи илми таърихнигорӣ, манбашиносӣ ва муайян намудани арзиш ва аҳаммияти он ҳамчун сарчашмаи нодири таърихӣ – этнографӣ;
- таҳқиқу омӯзиши рӯзгор ва осори Восифӣ ва дар қаринаи (контексти) ҳаёти адиб инъикос намудани муҳимтарин рӯйдодҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, адабӣ ва фарҳангии даврони зиндагии ӯ;

- таҳлилу баррасии ҷараёнҳои динӣ-мазҳабӣ ва низои байни пайравони мазҳаби сунӣ ва шиа ва оқибатҳои манфии он аз рӯи маълумоти Восифӣ;
- инъикоси дастгоҳ ва умури давлатдорӣ, мансабдорон ва аркони давлат;
- таҳқиқи урфу одат, суннат, шуғл, касбу ҳунар, санъат, сару либос ва дигар ҷанбаҳои ҳаёти мардум, ки дар "Бадоъ-ул-вақоеъ" инъикос ёфтаанд.

**Объект ва предмети** таҳқиқоти унвонҷӯ Сайдализода Р.А. таҳлилу таҳқиқи "Бадоеъ-ул-вақоеъ" ҳамчун манбаи муҳимми таърихӣ-этнографӣ, муқоисаи маълумоти Восифӣ бо дигар сарчашмаҳои таърихию адабӣ ва арзёбии илмии он аз назари илми таърихнигорӣ ва манбашиносӣ ба ҳисоб меравад.

**Замина ва пояи сарчашмашиносии диссертатсия.** Сарчашмаи асосии таҳқиқоти унвонҷӯ Сайдализода Р.А. пеш аз ҳама асари Восифӣ "Бадоеъ-ул-вақоеъ" ҳамчун объект ва предмети таҳқиқот ва дигар манбаву рисолаҳо ва таълифоти илмӣ ба ҳисоб меравад.

**Заминаҳои назариявӣ ва методологии** таҳқиқотро метод ва услубе, ки хоси таҳқиқотҳои таърихӣ мебошанд, аз ҷумла воқеият, таърихият ташкил мекунад. Муаллиф дар баробари он аз услуби шеваҳои дигари таҳқиқотҳои таърихӣ, таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ – таҳлилӣ, муқоисавӣ, интиқодӣ, шарҳиҳолӣ, хронологӣ, тавсифӣ, тасвирӣ, хулосабарорӣ истифода бурдааст.

**Навгонии илмии диссертатсияи** тақризшаванда дар он зоҳир мегардад, ки муаллифи рисола бори нахуст дар илми таърихнигории тоҷик асари Зайниддин Маҳмуди Восифӣ "Бадоеъ-ул-вақоеъ"-ро чун манбаи нодири таърихӣ-этнографии асрҳои XV – XVI мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, дар асоси таҳлил, қиёс, назари интиқодӣ маълумот ва иттилооти навро дар ин манбаъ дарёфт намуда, арзиш ва мақому ҷойгоҳи онро дар илми таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ муайян ва арзёбӣ

намудааст. Далелҳо, маълумотҳои ба даст овардаи диссертант, таҳлил ва андешаҳои ӯ доир ба мавзуъи таҳқиқот наву тоза буда, бори нахуст дастраси аҳли илм ва умум мегардад. Саҳму хидмати шахсии муаллифи диссертатсия дар ҳаллу фасли мавзуъи интихобкардааш ба даст овардани маълумоти далелҳои нави таърихӣ мебошанд, ки барои илм аҳаммияти муҳим доранд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷа, дастовардҳои муаллифро дар ҷараёни таълифи рисолаҳои ҷамъбастӣ оид ба таърих, адабиёт, таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва ғайра истифода бурдан мумкин аст. Ҳамчунин натиҷаҳои таҳқиқотро ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, хондани курсҳои махсус оид ба таърихнигорӣ, манбашиносӣ метавон истифода намуд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Сайдализода Р.А. дар мавзуъи “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографии асрҳои XV-XVI” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих бо “Шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз рӯи равияи 6D. 020300 – таърих, ихтисоси 6.1.5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ, ки бо Қарори Раёсати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 сентябри соли 2017, таҳти №41/1 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи унвонҷӯ Сайдализода Р.А. аз лиҳози мундариҷа, мазмун, муҳтаво мантиқан дуруст таҳия ва банду баст шуда, он аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи сарчашма ва адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрамият, арзиш ва аҳаммияти илмии мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифа, объект ва предмет, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, пойгоҳи

сарчашмавии таҳқиқот, навгонии илмии рисола муайян ва мушаххас шудаанд.

Боби аввали рисола, “**Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ва заминаҳои пайдоишу ташаккулёбии осори илмӣ-таърихӣ дар асри XVI**”, аз ду зербоб иборат буда, он ба таҳлилу таҳқиқи рӯзгор ва осори адабӣ ва таърихии Маҳмуди Восифӣ, вазъи сиёсии Хуросону Мовароуннаҳр дар асри XVI, заминаҳои таърихии эҷоди асар бахшида шудааст.

Дар зербоби аввал **“Ҳаёту фаъолият, рӯзгор ва мероси илмӣ-таърихии Зайниддин Маҳмуди Восифӣ”** диссертант дар асоси маълумоти осори худи муаллиф ва таълифоти адабиётшиносон, муаррихон тамоми марҳилаҳои асосии ҳаёти Восифӣ ва мероси адабии ӯро мавриди таҳлил қарор додааст. Диссертант зикр менамояд, ки рӯзгори Восифӣ ба замони ҳукмронии сулолаҳои Темуриён ва Шайбониён рост омада, муҳити ин давра дар ташаккули Восифӣ таъсири худро расонидаанд ва дар осори нависанда тамоми мураккабӣ ва печидагиҳои даврони ӯ инъикоси худро ёфтаанд. Восифӣ яке аз шахсиятҳои маъруфи замони худ буда, илмҳои гуногун - забони арабӣ, таърих, адабиёт, мантиқ, фиқҳ, тафсир ва ғайраро азхуд карда буд. Дар диссертатсия қайд мегардад, ки аз Восифӣ мероси зиёде то замони мо омада расида, эҷодиёти ӯ ба ду шакл ҳам бо назм ҳам бо наср чараён гирифтааст. Яке аз хусусиятҳои эҷодиёти Восифӣ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ воқеаҳои таърихиро бо тасвирҳои адабӣ, баъзан муболиғаҳои шоирона, ки дар замони ӯ маъмул буд, тасвир намудааст.

Зербоби дуюми боби аввал **“Вазъи Хуросону Мовароуннахр дар асри XVI ва шароити таърихии эҷоди асари “Бадоеъ-ул-вақоеъ”** ба таҳлилу таҳқиқи вазъи сиёсии Хуросону Мовароуннаҳр дар асри XVI, рӯйдоду воқеаҳои муҳимтарине, ки дар ин давра ба амал омаданд, заминаҳои таърихии эҷоди асар бахшида шудаанд. Диссертант зикр менамояд, ки даврони зиндагии Восифӣ яке аз марҳилаҳои мураккаб ва душвор дар ҳаёти мардуми Хуросон ва Мовароуннахр буда, кашмакашиҳои сиёсӣ, дасисаҳои дарборӣ, ва мубориза барои тахту тоҷ, ихтилофҳои динию мазҳабӣ вазъиятро

мутташанниҷ сохта, мардумро ба дод оварда буд. Восифӣ тамоми ин ҳодисаҳоро бо чашми худ дида, дар асари худ ин рӯйдодҳоро воқеъбинона тасвир намудааст. Ӯ ба шаҳрҳои Хуросон ва Мовароуннаҳр сафарҳои зиёде намуда, аҳволи мардум, зиндагии аҳли илму адаб, ҳунар, ихтилофҳои сиёсию мазҳабиро хеле моҳирона таҳлил ва тавсиф намудааст.

Доир ба заминаҳои пайдоиши асар диссертант зикр менамояд, ки эҷоди чунин осор, яъне навиштани ёддошт – сафарнома дар таърихи адабиёти тоҷик анъанаи ғанӣ дошта, Восифӣ ин анъанаро моҳирона идома додааст ва як асари хеле пурмазмун ва барҷастаи адабӣ, таърихӣ, ҷуғрофӣ, этнографӣ ва ахлоқию тарбиявиро офаридааст. Муаллифи диссертатсия мазмун, мундариҷа ва сохтори "Бадоеъ-ул-вақоеъ"-ро (воқеаҳои нафиси бадеъ) тавсиф намуда, зикр менамояд, ки он асари гуногунмазмун ва серпаҳлу мебошад ва мундариҷаи китоб асосан аз ёддоштҳои худи муаллиф иборат аст. Восифӣ дар асараш ҳаёти илмию адабӣ, фарҳангӣ, ҷамъиятӣ, ихтилофҳои сиёсӣ, динӣ, мазҳабӣ, аҳволи мардумро муфассал инъикос намудааст. Восифӣ як нависандаи ҳақиқатнигор, ҷасур буда, ҳодисаву рӯйдодҳо ва шахсияти қаҳрамонҳои асарашро кушоду равшан тавсир намудааст.

Дар боби дуюми рисола "**Инъикоси вазъи мазҳабӣ ва масъалаҳои динӣ дар "Бадоеъ-ул-вақоеъ"**, ки фарогири ду зербоб аст, сухан доир ба ихтилофҳои мазҳабӣ миёни пайравони шиа ва суннӣ, оқибатҳои сангини он барои ҷомеа, шарҳу тафсири мартабаю унвонҳо ва мансабҳои маъмурӣ меравад.

Дар зербоби аввали фасли дуюм **"Инъикоси низоҳои мазҳабӣ дар "Бадоеъ-ул-вақоеъ"** зикр мегардад, ки низоҳои мазҳабӣ дар ҳама давру замон яке аз омилҳои ноором‌ӣ, бесуботӣ дар ҷомеа ва заиф гаштани пояҳои давлат ва садди роҳи рушд ба ҳисоб меравад. Ба андешаи диссертант ихтилофҳои мазҳабӣ дар "Бадоеъ-ул-вақоеъ" нисбат ба дигар сарчашмаҳои таърихию адабӣ комилтар инъикос ёфта, Восифӣ дар асари худ доир ба ҳиллаву дасисабозии баъзе сиёсатмадорон ва ходимони дин, ки

дину мазҳабро ба манфиатҳои сиёсӣ, гурӯҳӣ ва шахсии худ истифода бурданд, хеле кушоду равшан ақидаҳои худро баён намудааст. Низоҳои мазҳабӣ оқибатҳои фоҷеабор оварда, сабаби марги ҳазорон одамони бегуноҳ касодии иқтисодиёт, фарҳанг ва ахлоқ мегардид. Назар ба андешаи Восифӣ яке аз сабабгорони низои байни пайравони мазҳаби шиа ва суннӣ шоҳ Исмоили Сафавӣ буд, ки барои паҳн кардани мазҳаби шиа аз ҳама васила – теғу шамшер, сиёсат, зӯроварӣ, фитнаву дасиса ва ғайра истифода намуда, сабаби барангехтани душманӣ миёни мардум, кишварҳо гашта буд. Андешаҳои Восифӣ доир ба омилҳо, сабабҳо ва ангезаҳои ихтилофҳои мазҳабӣ имрӯз ҳам арзиши худро гум накардаанд ва барои замони мо – замони ба ҳам муқобил гузоштани тамаддунҳо, дину мазҳаб, нажод, фарҳанг ва роҳу василаи ҳаллу фасли ин низоъ аҳаммияти муҳим дорад.

Зербоби дуюми боби мазкур **“Баррасии мартаба, маросим, мансабҳои маъмурӣ дар “Бадоеъ-ул-вақоеъ”** ба яке аз масъалаҳои хеле муҳим ва дар айни замон баҳсталаб - унвону мартаба, вазифа, мақому мартаба ва салоҳияти мансабдорони маъмурӣ ва динӣ, ки баъзан муҳаққиқон онро дақиқ шарҳ надодаанд ё омехта месозанд,  бахшида шудааст. Дар диссертатсия муаллиф доир ба мартабаҳои гуногуни динӣ, ки дар давлати Темуриён, Шайбониён ва Саффавиён маъмул буд, маълумот дода, зикр менамояд, ки ходимони дин дар корҳои идоракунии давлат нақши муҳим мебозиданд. Дар дастгоҳи марказии идоракунӣ дар қатори дигар мансабдорони олӣ вазифаи шайхулислом, қозикалон, садр, раис вуҷуд дошт. Диссертант доир ба яке аз мансабҳои олии динӣ шайхулислом маълумоти “Бадоеъ-ул-вақоеъ”, Б.Ғафуровро оварда, вазифа ва мақоми ӯро дар табақабандии мансабдорони динӣ шарҳу эзоҳ додааст. Ҳамчунин муаллиф доир ба мансабҳои дигар мисли қозӣ, мӯҳтасиб, мударрис вазифа ва салоҳияти онҳо маълумот ва андешаҳои муҳаққиқони гуногунро овардааст. Чуноне,ки дар диссертатсия омадааст, асари Восифӣ баробари манбаи муҳим оид ба омӯхтани унвону мартабаҳои динӣ ва дунявӣ, ҳамчунин барои таҳқиқу омӯзиши маросимҳои гуногун, аз ҷумла маросими дафн ва урфу одатҳои ба

он алоқаманд сарчашмаи боэътимод маҳсуб меёбад. Диссертант зикр менамояд, ки масъалаи унвону мансабҳои давлатӣ-меъмурӣ дар асари Восифӣ мавқеи намоёнро ишғол менамояд. Дар диссертатсия муҳимтарин унвону мансабҳои маъмурӣ аз зинаи боло то ба поён, мансабдорони ҳарбӣ, мутасаддиёни истифодаи об ва ғайра ба таври муфассал инъикос ёфтааст. Муаллифи диссертатсия ба чунин хулоса омадааст, ки асари Восифӣ барои таҳқиқу омӯзиши умури давлатдорӣ, низоми идоракунӣ, коргузории расмӣ, мансабу мартабаҳои давлатӣ ва динӣ манбаи пурарзиш ба ҳисоб меравад.

Боби сеюми диссертатсия **“Бадоеъ-ул-вақоеъ” ҳамчун сарчашмаи таърихӣ-этнографӣ асрҳои XV-XVI”** аз се зербоб иборат буда, он ба инъикоси санъати бинокорӣ, меъморӣ, ҳунармандӣ, мусиқӣ, суннатҳои халқӣ ва анъанаҳои миллӣ дар асари Восифӣ бахшида шудааст.

Дар зербоби аввал **“Инъикоси ҳаёти меъморӣ ва ҳунармандӣ дар “Бадоеъ-ул-вақоеъ”** маълумоти Восифӣ оид ба санъати меъморӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, диссертант биноҳо ва сохтмонҳоро аз рӯи таъиноташон ба биноҳои маъмурӣ, динӣ, иҷтимоӣ, хоҷагӣ, фарҳангӣ ҷудо намуда, кадом иншоотҳое, ки ба ҳар навъи ин гурӯҳ ворид мешаванд, муайян ва мушаххас намудааст. Чуноне, ки дар диссертатсия қайд мегардад, бинокорӣ ва меъморӣ дар аҳди Темуриён хеле ривоҷ ёфта, шаҳрҳои маркази Хуросон ва Мовароуннаҳр бо қасру кӯшкҳои зебову боҳашамат, бозорҳо, растаҳо, корвонсаройҳо, мадрасаву масҷидҳо, китобхонаҳо, ҳаммомҳо, боғу бӯстонсаройҳо ва дигар иншоотҳо зебу зиннат ёфта буданд. Диссертант маълумотҳои Восифиро дар бораи машҳуртарин ва бузургтарин иншоотҳое, ки дар асрҳои XV-XVI дар Самарқанд, Бухоро, Ҳирот, Нишопур, Марв, Исфаҳон, Кеш, Насаф, Тошканд ва ғайра бунёд шуда буданд, оварда зикр менамояд, ки асари Восифӣ барои омӯхтани таърихи санъати бинокорӣ, меъморӣ, наққошии боҳашамат манбаи нодир маҳсуб меёбад.

Дар диссертатсия оид ба маълумоти “Бадоеъ-ул-вақоеъ” доир ба навъҳои гуногуни касбу ҳунар аз ҷумла кулолгарӣ ва зарфсозӣ, дуредгарӣ, бофандагӣ, хайётӣ, заргарӣ, оҳангарӣ, баққолӣ, асбоби олоти тибб ва анвои

дигари касбу ҳунар маълумоти фаровон оварда мешавад. Зикр мегардад, ки маҳсули кулолгарон, кандакорон, заргарон, бофандагон, хайётон, баққолон ва дигар ҳунармандони чирадасти Хуросон ва Мовароуннаҳр дар тамоми қаламрави давлати Темуриён, Шайбониён ва берун аз он машҳур буд.

Зерфаслҳои дуюм ва сеюми боби сеюми диссертатсия ба тасвири санъати мусиқӣ, этнографӣ, урфу одат, суннатҳои мардумӣ ва анъанаҳои миллӣ аз рӯи маълумоти "Бадоеъ-ул-вақоеъ" бахшида шудааст. Диссертант зикр менамояд, ки асари Восифӣ барои омӯхтани таърихи санъати мардуми Хуросон ва Мовароуннаҳр сарчашмаи нодир ба ҳисоб рафта, дар ин китоб оид ба ҳофизон, навозандагон, раққосон, номи асбобҳои мусиқӣ ва ҳофизону сарояндагони машҳури Бухоро, Самарқанд, Марв, Ҳирот, Табрез, Машҳад, Шероз, Исфаҳон ва дигар шаҳрҳо маълумоту далелҳои мушаххас оварда шудааст. Восифӣ дар бораи навъҳои гуногуни санъати мусиқии классикӣ, асбобҳои созӣ, овозӣ, ҳунари саҳнавӣ, санъати рақс ва шаклҳои он, санъати бадеӣ ва ғайра ахбори мӯътамад овардааст ва ба ин далел "Бадоеъ-ул-вақоеъ" манба ва донишномаи санъати мусиқии халқи тоҷик ва дигар мардумони Осиёи Миёна ба ҳисоб меравад. Дар диссертатсия доир ба ҳунари хайётӣ, дӯзандагӣ, омода намудани сару либос ва навъҳои гуногуни он аз рӯи ахбори Восифӣ маълумоти ҷолиб ва фаровон оварда шудаанд. Яке аз масъалаҳои ҷолибе, ки дар "Бадоеъ-ул-вақоеъ" инъикос ёфтааст, суннатҳои мардумӣ ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб рафта, диссертант дар ин бора аз асари Восифӣ ахбори ҷолибу шавқоварро овардааст. Дар ин қисмат дар бораи маросими тӯй, хостгорӣ, маҳр ва дигар хароҷотҳои вобаста ба тӯй, ақди никоҳ, маданияти рӯзгордорӣ ва ғайра сухан меравад. Дар ин радиф доир ба бозиҳои миллӣ, варзишӣ ва навъҳои гуногуни он аз ҷумла, гӯштин, варзиши сабук ва вазнин, бузкашӣ, камонварӣ, чавгонбозӣ ва ғайра маълумот оварда мешавад. Чуноне, ки диссертант зикр менамояд, асари Восифӣ барои омӯхтани ченаку андозҳои гузашта, яъне илми метрология низ сарчашмаи нодир ба ҳисоб рафта, дар ин асар оид ба ченакҳои масофа, масоҳат, вазн, ченаки пул, навъҳои сикка ва зарбхонаҳо ахбори ҷолиб оварда шудааст.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсияи Сайдализода Р.А. баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки бароиислоҳи минбаъдаи онҳо таваҷҷуҳи муаллифро ба он ҷалб кардан мехоҳем:

**Якум**, дар қисмати мубрамияти мавзуъ муаллиф онро бо шакли мухтасар баён намуда, аҳаммият ва арзиши илмии мавзуъро бо чанд бандҳои мушаххас ва боэътимод асоснок менамуд беҳтар мешуд. Дар ин қисмат қариб якуним саҳифа суханҳои умумӣ оварда шуда, мубрамият бо панҷ банди кӯтоҳ баён шудааст, ки он бештар ба мақсад ва масъалагузорӣ дар таҳқиқот шабоҳат дорад на асосноккунии он;

**Дуюм**, дар қисмати дараҷаи омӯзиши мавзуъ муаллиф таълифоти мавҷударо доир ба мавзуъи таҳқиқот гурӯҳбанди намуда, танҳо бо овардани ному насаби муаллифон иктифо намудааст. Ба андешаи мо агар диссертант ҳангоми гурӯҳбандӣ асарҳои муҳимтаринро каму беш таҳлил намуда, ҳусну қубҳ, арзиш ва аҳаммияти илмии онҳо ва саҳми муаллифони алоҳидаро дар таҳқиқу омӯзиши мавзуъи мазкур инъикос менамуд, арзиши рисола боз ҳам меафзуд;

**Сеюм**, ҳангоми гурӯҳбандии номи муҳаққиқони тоинқилобии рус, шӯравӣ ва ватанӣ муаллиф ному насаби онҳоро омехта оварда, дар радифи шарқшиносони асри XIX –и рус номи олимони тоҷик Р.Х. Додихудоев, Р.Ш. Сотиболидиев, Ҳамза Камол, А. Ҷалиловро овардааст. Ҳангоми нишон додани номи муҳаққиқони гурӯҳи аввал низоми муайян, пасиҳам овардани номи муҳаққиқон аз рӯи замон ва арзиши осори онҳо риоя нагаштааст.

**Чорум,** ҳангоми баррасии унвону мартаба ва мансабҳои маъмурӣ, ҳарбӣ ва динӣ муаллиф ахбори “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифиро бо маълумоти сарчашмаҳои дигар, аз ҷумла “Дастур-ул-мулук”-и Муҳаммад Рофеи Ансорӣ, ки ба умури давлатдорӣ ва дастгоҳи идории давлати Сафавиён бахшида шудааст, инчунин манбаҳои дигар “Насиҳат-ул-мулук”, “Захират-ул-мулук”, “Сулук-ул-мулук”, “Тӯҳфат-ул-мулук”, “Сияр-ул-мулук”, “Ахлоқ-ул-ашроф”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, “Дастур-ул-мулук”-и Хоҷа Самандари Термизӣ, ки ба масъалаҳои низоми давалтдорӣ, мансабу мартабаҳои маъмурӣ,

ҳарбӣ, динӣ ва ғайра бахшида шудаанд муқоиса намуда, ба ин васила эволютсияи истилоҳоти маъмурӣ, низомӣ ва динӣ, айният ва тафовути онҳоро инъикос менамуд, арзиши диссертатсия боз ҳам беҳтар мегардид.

**Панҷум,** маълум аст, ки масъалаҳои меҳварии таҳқиқоти Сайдализода Р.А. инъикоси рӯзгор ва осори Восифӣ, ихтилофҳои мазҳабию динӣ ва арзёбии асари "Бадоеъ-ул-вақоеъ" чун манбаи этнографӣ мебошад ва онҳоро муаллиф мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додааст. Дар баробари ин диссертант ба масъалаҳои таърихи сиёсӣ, низоми андозу андозситонӣ, исёнҳои халқӣ дар пояи маълумотҳои Восифӣ, дигар сарчашмаву таҳқиқотҳо таваҷҷуҳ зоҳир менамуд, аз манфиат холӣ набуд.

**Шашум,** дар диссертатсия баъзе нуқсонҳои услубӣ, грамматикӣ, чопӣ ва техникӣ ба назар расида, таҳрир ва ислоҳи онҳо зарур аст. Масалан, ҳар се номи зербобҳои боби сеюм якранг бо истилоҳи "инъикоси..." ифода ёфтааст.

Аммо эродҳои овардашуда хислати усулӣ (принсипиалӣ) надошта, онҳо арзиш ва аҳамияти илмӣ, назариявӣ, маърифатӣ ва амалии диссертатсияро коста намесозанд.

Мазмуну муҳтавои рисола дар мақолаҳо ва гузоришҳои муаллиф инъикос ёфта, натиҷаҳои таҳқиқот дастраси аҳли илм ва мардум гаштаанд, аз ҷумла мақолаҳо дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА назди Вазорати илму маорифи Федератсияи Россия ва нашрияҳои гуногун инъикос ёфтаанд.

**Хулоса дар бораи мутобиқ будани диссертатсияи унвонҷӯ Сайдализода Р.А. ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон ба чунин хулоса ва натиҷагирӣ расид, ки диссертатсияи унвонҷӯ Сайдализода Рустам Абдулло дар мавзӯи "Бадоеъ-ул-вақоеъ"-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ этнографии асрҳои XV-XVI" таҳқиқоти мустақилона, аслӣ ва мантиқан ба анҷом расидааст, ки ба мавзӯи хеле мубраму муҳимми таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ бахшида шуда, он ба меъёрҳо ва талаботҳои аз ҷониби

КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда оид ба таълифи рисолаи номзадӣ (бандҳои 31, 32, 33, 34, 35-и Низомономаи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст) ҷавобгӯ буда, муаллифи рисола унвонҷӯ Сайдализода Р.А. сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 6.1.5. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи МДТ “ДДХба номи академик Б.Ғафуров” баррасӣ ва тасдиқ гардид.

Дар ҷаласа 17 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: **Тарафдор** – 17 нафар. **Зид** – нест. **Бетараф** – нест.

**Раисикунанда, и.в. мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик, н.и.т., дотсент** **Икромов Н.А.**

**Ташхисгарон,**
**номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷик** **Шарифзода Ш.**

**номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи археология, этнография ва диншиносӣ** **Абдукаримов Ҷ.А.**

**котиби ҷаласа, коргузори кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров”** **Абдуллоева М.**

**Имзои Н. Икромов, Ш.Шарифзода, Ҷ. Абдукаримов, М. Абдуллоеваро тасдиқ менамоям:**

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров”** **Сайдуллозода З.С.**

**Суроғаи донишгоҳ:**
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1

Тел.: 6-52-73, 92-754-66-00
E-mail: rector@hgu.tj; shavkat_5353@mail.ru